Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-104 дар назди Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33)

# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Аҳрорӣ Адиба Мухиддинҷон дар мавзуи «Камбизоатӣ ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ (таҳлили сотсиологӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050100 – Сотсиология (6D050103 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ)**

Диссертатсияи Аҳрорӣ Адиба Мухиддинҷон ба яке аз мавзуъҳои муҳимми илми сотсиология ва масъалаҳои мубрами ҷомеаи муосири Тоҷикистон – камбизоатӣ ҳамчун масъалаи иҷтимоӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон бахшида шудааст. Мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки новобаста аз пешрафтҳои назаррас дар самти рушди иҷтимоию иқтисодӣ, камбизоатӣ то ҳол масъалаи нигаронкунандаи кишварамон боқӣ мемонад ва 19,0%-и аҳолии Тоҷикистон фаро мегирад.

Аҳаммияти дигари мавзуи таҳқиқотии диссертант аз он иборат аст, ки мувофиқи Конститутсия, Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ мебошад, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад. Ҳамзамон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва

хориҷии ҷумҳурӣ» аз 28.12.2023 ба Ҳукумати мамлакат супориш доданд, ки барои дар ҳафт соли минбаъда то ба 10 фоиз паст кардани сатҳи камбизоатӣ чораҳои мушаххасро амалӣ намояд.

Аз ин рӯ, бо равиши сотсиологӣ таҳқиқ гардидани сабабҳои пайдоишу паҳншавӣ, оқибатҳои иҷтимоӣ ва роҳҳои коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ дар Тоҷикистон мубрам буда, натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ барои таҳияи барномаҳои иҷтимоии давлатӣ ҷиҳати пешгирӣ ва коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон кумак мерасонанд.

Диссертатсияи Аҳрорӣ Адиба Мухиддинҷон аз муқаддима, се боб ва 7 зербоб иборат буда, мувофиқи мақсад ва вазифаҳои банақшагирифташуда дар ҳар як бобу зербобҳо паҳлуҳои гуногуни масъалаи камбизоатӣ таҳлил гардидаанд. Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии омӯзиши мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои тадқиқот, объект ва предмет, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, заминаҳои эмпирикӣ, навгониҳои илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиби натиҷаҳои тадқиқот ва сохтори диссертатсия баррасӣ гардидаанд.

Дар боби аввал ва зербобҳои алоҳидаи диссертатсия муҳаққиқ ҷанбаҳои назариявӣ-методологӣ ва методии омӯзиши масъалаи камбизоатӣ дар ҷомеаи муосир, равияҳои назариявӣ-методологии таҳлили масъалаи камбизоатӣ, масъалаи таснифоти камбизоатӣ ва шаклҳои зоҳиршавии онро хеле амиқ ва ҳаматарафа мавриди омӯзиш қарор додааст. Аҳрорӣ Адиба Мухиддинҷон аз сарчашмаҳои гуногуни илмию таҳқиқотӣ истифода бурда, назарияҳо ва равишҳои гуногуни сотсиологиро дар бораи камбизоатӣ, сабабҳои пайдоиш ва шаклҳои зуҳуроти он баррасӣ намудааст. Дар диссертатсия андешаҳои мутафаккирони замони қадим, мутафаккирони асримиёнагии форсу

тоҷик ва ҷомеашиносони муосир ботафсил таҳлил гардидаанд. Ҳамзамон, диссертант нишондиҳандаҳо ва методҳои ченкунии камбизоатиро дар асоси меъёрҳои муқарраршудаи илмӣ пешниҳод намудааст.

Аҳрорӣ Адиба Мухиддинҷон дар боби дуюм ва зербобҳои он нишондиҳандаҳо ва методҳои ченкунии камбизоатиро дар асоси меъёрҳои муқарраршудаи илмӣ таҳлил намуда, масъалаи камбизоатиро дар низоми табақабандии иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеаи Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор додааст. Дар диссертатсия меъёрҳои миллию ҷаҳонии ченкунии сатҳи камбизоатӣ ва маълумоти оморӣ васеъ истифода гардидаанд.

Дар боби сеюм муаллифи диссертатсия сабабҳои пайдоишу паҳншавӣ, оқибатҳои иҷтимоӣ ва роҳҳои коҳиш додани камбизоатии аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъоли Тоҷикистонро бо далелҳои асоснок таҳлил кардааст. Муҳақиқ аз натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологии гузаронидаи худ ба хулосае омадааст, ки камбизоатӣ масъалаи ташвишовари ҷомеаи муосири Тоҷикистон буда, бо сабабҳои гуногун, мисли бекорӣ, зиёдшавии босуръати аҳолӣ, паст будани сатҳи саводи иқтисодӣ ва маданияти соҳибкории аҳолӣ, ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ набудани сатҳи тахассусии шаҳрвандони аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол ва ғайра алоқамандӣ дорад.

Диссертант ба натиҷаҳои таҳқиқотҳои сотсиологӣ ва таҳқиқотҳои олимони ватанию хориҷӣ такя карда, барои коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ дар байни аҳолии аз ҷиҳати иқтисоди фаъоли Тоҷикистон як қатор тавсияҳои асоснокро пешниҳод менамояд. Дар хулосаи диссертатсия фишурдаи тамоми масъалаҳои дар бобҳо ва зербобҳо таҳқиқшаванда ба таври мухтасар инъикос гардидааст.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионии Аҳрорӣ Адиба Мухиддинҷон дар он зоҳир мегардад, ки муҳаққиқ аввалин маротиба

дар илми сотсиология масъалаи камбизоатиро бо равиши сотсиологӣ мавриди омӯзишу баррасӣ қарор дода, назарияҳои сотсиологҳои классикӣ ва муосирро таҳлил намудааст. Тамоми натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологие, ки дар бораи сабабҳои пайдоиш ва роҳҳои коҳиш додани камбизоатӣ дар Тоҷикистон ба даст омадаанд, навгониҳои илмии диссертатсия ба ҳисоб меравconfigurand. Дигар навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ тавсияҳои пешниҳоднамудаи диссертант мебошад, ки аҳаммияти илмӣ дошта, дар амал татбиқшавандаанд.

Дар омӯзиши мавзуи диссертатсия равишҳои таърихӣ, системавӣ, муқоисавӣ ва равиши сотсиологии функсионализми сохторӣ, методҳои умумиилмӣ ва методҳои таҳқиқоти сотсиологӣ, мисли таҳлили ҳуҷҷатҳо, пурсиши сотсиологии миқдорию сифатӣ ва кейс-стадӣ васеъ истифода гардидаанд. Муҳаққиқ дар раванди навиштани диссертатсияи илмӣ аз асарҳои классикони илмҳои ҷомеашиносӣ, таҳқиқотҳои донишмандони ватанӣ ва хориҷӣ, монографияҳо ва мақолаҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқотҳои сотсиологии анҷомдодаи худ, маълумоти омори расмӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи Тоҷикистон, маводи сомонаҳои интернетӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ васеъ ва самаранок истифода бурдааст. Иқтибосҳо ва адабиёти илмӣ бомаврид ва дуруст тасвият ёфтаанд.

Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он зоҳир мегарадад, ки муҳаққиқ доир ба мавзуи диссертатсияи илмии худ якчанд таҳқиқоти сотсиологӣ гузаронида, дар кори саҳроӣ бевосита иштирок варзида, натиҷаҳои онро мутақилона коркард ва таҳлил намуда, ба таври васеъ истифода бурдааст. Таҳқиқоти илмии муаллифи диссертатсия дорои як қатор навгониҳои илмӣ буда, барои ҳалли масъалаҳои баррасигардида тавсияҳои илман асоснок ва татбиқшавандаро пешниҳод кардааст.

Ҳамаи пешниҳод ва нуктаҳои илмӣ, хулоса ва тавсияҳои дар тадқиқоти диссертатсионӣ овардашуда асоснок буда, аз ҷиҳати назариявию амалӣ тасдиқ шудаанд ва аҳаммияти илмӣ доранд. Теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои асосӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он мутобиқат менамояд. Мазмуну мундариҷаи диссертатсия, хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд. Автореферати диссертатсия ва интишороти илмии муаллиф муҳтавои асосии диссертатсияро пурра ифода менамоянд.

Муҳтавои диссертатсия ба номи мавзуъ ва шиносномаи ихтисоси 6D050100 – Сотсиология (6D050103 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ) мутобиқат менамояд ва ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми сентябри соли 2021, таҳти №7 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Аҳрорӣ Адиба Мухиддинҷон таҳқиқоти илмию тахассусии баитмомрасида буда, масъалаи мубрами рушди соҳаи сотсиологияро фаро мегирад ва дар он барои пешгирӣ ва бартараф намудани камбизоатӣ тавсияҳои илман асоснокшуда ва барои рушди ҷомеаи муосир аҳаммиятдошта дарҷ шудаанд. Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона таълиф гардида, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷа ва нуктаҳои нави илмӣ мебошад ва саҳми шахсии муаллифро дар соҳаи илм нишон медиҳад.

Аз ин рӯ, диссертатсияи Аҳрорӣ Адиба Мухиддинҷон дар мавзуи «Камбизоатӣ ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ (таҳлили сотсиологӣ)» таҳқиқоти илмӣ-тахассусии анҷомёфта буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD),

доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050100 – Сотсиология (6D050103 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ) мебошад.

**Роҳбари илмӣ:** номзади илмҳои фалсафа,
дотсенти кафедраи сотсиологияи
факултети фалсафаи Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон **Мирзода Ф.С.**

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17
**E-mail:** mirov2010@mail.ru
**Тел.:** (+992) 93-733-33-11

**Имзои н.и.ф., дотсент Мирзода Ф.С.-ро тасдиқ менамоям:**
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон **Шодихонзода Э.Ш.**

**Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17
E-mail: tnu.int.re@gmail.com
Веб-сайт: www.tnu.tj
**Тел.:** (+992 37) 221-77-11; 221-47-96
**«27» __01____соли 2026**